Диктант.

Мозҷабова Манижа

донишгоҳи курси 2-юм

факултети химия

ихтисос: химия-биология

Панҷуми октябр

## Мақоми забон

Забон калиди дониш ва маърифат аст. Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат аст. Забон барҷастатарин ва гўётарин поя, шиносномa ва нишони бақои ҳар як халқу миллат аст. Шири миллат ба шири забон вобаста аст. Барои он ки номи миллат аз саҳифаи таърихи башарӣ нобуд нашавад, бояд чароғи раҳнамои худшиносию худафрўзиаш забонро эъзоз кунад ва онро ҳамчун волотарин мерос ба наслҳои оянда расонад.

Забони модарӣ хишти нахустини пойдевори кохи миллат ва яке аз рукнҳои асосии давлатдории миллӣ мебошад. Таърих гувоҳ аст, ки агар забони миллат аз байн равад, миллат ҳам дер ё зуд тафаккури миллӣ, шуурҳои ватандўстӣ ва ҳувияти давлатдориашро аз даст дода, оқибат завол меёбад. Забон дар паноҳи давлат ва давлат дар паноҳи забон аст. Шуурҳои ватандўстӣ аз донистани таърихи забон ва фарҳанги Ватан сарчашма мегирад. Лафзи модарӣ муқаддас аст, онро азизу гиромӣ бояд дошт.